Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079-и назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
(734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Расулзода Аслам Зафар дар мавзуи «Мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаҳои интихоботӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ**

Дар шароити рушди муносибатҳои сиёсии муосир ва ташаккули институтҳои демократӣ масъалаи омӯзиши ҳизбҳои сиёсӣ ва нақши онҳо дар системаҳои интихоботӣ аҳамияти махсуси илмӣ ва амалӣ пайдо намудааст. Дар таҳқиқот масъалаҳои марбут ба ҳизбҳои сиёсӣ, системаҳои ҳизбӣ, равандҳои интихоботӣ, институтҳои сиёсӣ ва фаъолияти ҳизбҳо дар низоми интихоботӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар автореферат дараҷаи таҳқиқи илмии масъала ба чор гурӯҳ ҷудо гардидааст. Ба гурӯҳи якум осори олимони ғарбӣ, ки масъалаҳои ҳизбҳои сиёсӣ ва системаҳои интихоботиро таҳлил намудаанд, дохил карда шудаанд. Ба гурӯҳи дуюм корҳои илмии олимони рус вобаста ба масъалаҳои системаҳои ҳизбӣ ва технологияҳои интихоботӣ мансуб дониста шудаанд. Гурӯҳи сеюмро таҳқиқоти олимони тоҷик ташкил дода, дар онҳо масъалаҳои ташаккул ва рушди системаҳоиҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидаанд. Ба гурӯҳи чорум таҳқиқоти диссертатсионии олимони ватанӣ вобаста ба масъалаҳои ҳизбҳои сиёсӣ

ва системаҳоиинтихоботӣ дохил шудаанд. Ин тарзи гурӯҳбандӣ аз муносибати илмӣ ва таҳлилии муаллиф шаҳодат медиҳад.

Муаллиф инчунин робитаи таҳқиқотро бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ муайян намуда, нишон додааст, ки таҳқиқот дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Ин ҳолат аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро боз ҳам тақвият медиҳад.

Дар автореферат вазифаҳои таҳқиқот мушаххас ва мантиқӣ муайян гардидаанд. Муаллиф масъалаҳои таҳқиқи пайдоиш ва ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ, нақши онҳо дар рушди системаҳоиинтихоботӣ, хусусиятҳои ташаккули системаҳоиҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро аз ҷумлаи вазифаҳои асосии таҳқиқот қарор додааст.

Фарзияи таҳқиқот низ дуруст асоснок гардидааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар шароити дигаргуниҳои сиёсӣ аҳаммияти ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун субъекти фаъоли системаҳои интихоботӣ меафзояд ва онҳо ҳамчун воситаи муҳими ифода ва ҳимояи манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа баромад мекунанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот дар заминаи назарияҳои интихобии оқилона, назарияи тақсимоти иҷтимоӣ, равиши институтсионалӣ ва назарияи системаҳои бартаридоштаи ҳизбӣ муайян гардидаанд. Истифодаи чунин асосҳои назариявӣ ба таҳқиқот хусусияти илмӣ ва мантиқӣ бахшидааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ ба мазмун ва муҳтавои таҳқиқот мувофиқ буда, масъалаҳои нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар системаҳоиинтихоботӣ, таъсири онҳо ба рушди институтҳои демократӣ,

ташаккули системаи ҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳизбҳоро дар бар мегиранд.

Дар автореферат дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия асоснок карда шудааст. Муаллиф барои таҳқиқ аз доираи васеи адабиёти илмӣ, ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ, санадҳои давлатӣ, маводи таҳлилӣ ва сарчашмаҳои гуногуни илмӣ истифода намудааст, ки ба таҳқиқот асоснокии илмӣ бахшидаанд.

Қобили зикр аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот дар 6 мақолаи илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 маъруза дар конференсияҳои илмӣ инъикос гардидаанд. Ин ҳолат аз аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Сохтори диссертатсия мантиқӣ ва пайдарпай буда, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Боби якум «Ҷанбаҳои назариявию методологии таҳқиқи ҳизбҳои сиёсӣ» ба масъалаҳои назариявии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ бахшида шудааст. Дар зербоби якум масъалаҳои моҳият, вазифаҳо ва хусусиятҳои ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ таҳқиқ гардида, дар зербоби дуюм таснифоти ҳизбҳои сиёсӣ ва шаклҳои зоҳиршавии фаъолияти ҳизбӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Боби дуюм «Мақоми институтсионалии интихобот ва системаҳоиҳизбӣ дар ҷомеаи муосир» масъалаҳои нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули системаҳои интихоботӣ ва хусусиятҳои ташаккули системаҳоиҳизбӣ дар шароити ҷомеаи Тоҷикистонро дар бар мегирад. Дар ин боб масъалаҳои рушди низоми ҳизбӣ ва таъсири он ба равандҳои сиёсӣ таҳлил гардидаанд.

Боби сеюм «Самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар системаҳои интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба масъалаҳои

фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот, хусусиятҳои фаъолияти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ бахшида шудааст.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Расулзода Аслам Зафар дар мавзуи «Мақом ва ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаҳои интихоботӣ» таҳқиқоти анҷомёфтаи мустақили илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои сиёсӣ,
омӯзгори калони кафедраи
фалсафа ва сиёсатшиносии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи номи Шириншоҳ Шоҳтемур ______________ Абдуев Х. Н.

Имзои н.и.с. Абдуев Х. Н. – ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ______________ Қурбонзода А.Х.

13.05.2026.

**Суроғаи муқарриз:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146.
Тел: (992 - 37) 224 -72 - 07
E – mail: rektoratau31@mail.ru